**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсия ва автореферати Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи “Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 418 саҳ.**

Мавзуи пажуҳиши рисолаи доктории **Калонова Маҳина Ҷумъаевна «Пажуҳиши луғавӣ – маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV»**, ки дар мисоли ашъори барӯмандтарин шуарои адабиёти мумтози тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ сурат гирифтааст, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик оид буда, муаллифи он кӯшидааст, ки вежагиҳои луғавию сохтории вожагони забони тоҷикро дар садаи номбурда ба риштаи таҳқиқ кашад.

Вожа чун асоситарин унсури таркиби луғавии забон дорои хусусиятҳои зиёдест, ки наметавон дар доираи як ё ҳатто, якчанд рисола онҳоро ҳаллу фасл намуд. Аз ин ҷост, ки пажуҳишгар доираи омӯзишашро муайян ва маҳдуд карда, хостааст, қазияҳои муҳимтарини онро баррасӣ кунад ва он аз мундариҷаи кор равшан мегардад.

Тавре ки ишора рафт, рисолаи мавриди тақриз аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 53 фаслу зерфасл, рӯйхати адабиёт, 2 замима ва 7 ҷадвал таркиб ёфта, дар ҳаҷми умумии 418 саҳифаи компютерӣ таҳия гардидааст, ки 336 саҳифаи он асоси диссертатсияро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра **мувофиқат менамояд.**

Муқаддимаи диссертатсия ҳама бандҳои муқаррариро шомил буда, дар он муаллиф мубрамию аҳаммияти корро асоснок намуда, навоварии илмии таҳқиқ, дарачаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқро равшан гардонида, нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, усулҳои таҳқиқ ва манбаъҳои маводди воқеии диссертатсияро нишон додааст. Нахустбоби рисола ба таҳлили **“Вижагиҳои луғавии вожаҳои назми садаи XIV”** оид буда, дар фасл ва 6 зерфасли он хусусиятҳои воҳидҳои луғавии сермаъно, ҳамсон, ҳаммаъно, зидмаъно, наввожаҳо ва куҳанвожаҳои ин асри рушди забони забони тоҷикӣ дар мисоли ашъори ин се абармарди адабиёти мумтози тоҷик ба пажуҳиш гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки муаллиф дар оғози ҳар як фасл аз таҳқиқоти пешина оид ба мавзуъ ёдовар шуда, роҷеъ ба онҳо андешаи худро баён дошта, баъд ба таҳлили бевоситаи ашъори шоирон мегузарад. Ин ҳам ногуфта намонад, ки кор ва таҳлилҳо хусусияти муқоисавӣ доранд. Масалан, дар зерфасли якум барои вожаҳои сермаъно аз Ҳофизи Шерозӣ 6 мисол, аз Камоли Хуҷандӣ 13 мисол ва аз Салмони Соваҷӣ 11 мисол оварда, ба хулосае расидааст, ки “вожаҳои сермаънои ашъори шоирони асри XIV ба ду гурӯҳ тасниф мешаванд.

Ба гурӯҳи аввал, калимаҳои сермаъное шомиланд, ки дар сарчашмаҳои илмӣ зикрашон рафтаанд (*лаб, чашм, даст, сар, рӯй, даҳон, гӯш, забон, миён ва г.*), аммо ба гурӯҳи дуюм, калимаҳое мансубанд, ки танҳо дар ашъори шоирон вазифаи сермаъноиро бар дӯш гирифтаанд ва ба хусусияти фардии эҷодкор мансубанд (*хароб, сухан ва г.*)” [дисс. с. 32].

Диссертант аз 11 саҳифаи зерфасли ҳамсонҳо 6 саҳифаашро ба таҳлили андешаҳои 39 олими ватаниву хориҷӣ пардохта, бо онҳо ба баҳс даромада, дар 5 саҳифаи баъдӣ ҳамгунвожаҳоро дар ашъори шоирон ба таҳлил гирифтааст, ки ин аз мусаллаҳшавии муҳаққиқ шаҳодат медиҳад. Зерфаслҳои дигар низ чунинанд. Аз шиносоӣ бо диссертатсия маълум мегардад, ки дар ашъори шоирони садаи мавриди таҳқиқ вожаю унсурҳои ҳамгуни тоҷикӣ нисбат ба арабӣ серистеъмоланд.

Зимни таҳлили муродифоту зидмаъноҳо бошад, пажуҳишгар ба ҷанбаи назариявии масъала аҳаммияти бештар дода, истифодаи ин категорияҳои луғавиро аз ҷониби шоирони мазкур дар се ҷадвали алоҳида оварда, ҷанбаи назариявию амалии корашро афзудааст. Наввожаҳои рисола низ хеле ҷолиб аст. Мубоҳисаи диссертант бо дигарон хеле мушаххас ва асоснок аст, вале ӯ саргарми баҳс гашта, тафовути вожаву иборaро аз эътибор дур монда, ибораҳои **"дарди худпарастӣ", "лоларухи савсанбӯй", "панҷ сутуни хонаи шаръ"**-ро низ ба қатори наввожаҳо ворид кардааст.

Ҳар як зерфасл хулосаи мушаххас дорад, вале бобро низ бо хулоса анҷом додан мувофиқи мақсад мешуд.

Боби дуюм **"Таснифоти мавзуии вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV"** номгузорӣ шуда, фарогири 11 фасл буда, вожагони ашъори шоирон дар асоси ифодаи маъноиашон тасниф гардидаанд. Докторант пас аз матолиби муқаддимотӣ вожаҳои таҳқиқиро ба ифодакунандаи номи касбу ҳунар, номҳои ҷуғрофӣ, деҳот, шаҳрҳо, маҳаллу боғот, баҳру дарёҳо, ҳайвоноту парандаҳо, дину маърифат, номи паёмбарон, сураву оёти қуръониву соҳаҳои мусиқӣ гурӯҳбандӣ карда, онҳоро бо мисолҳои мушаххас таҳқиқ кардааст.

Мусаллам аст, ки дар забони тоҷикӣ касбвожаҳо аз ҷумлаи маъмултарину сермасрафтарин унсурҳои луғавӣ маҳсуб меёбанд ва муаллиф низ таҳқиқоти боби мазкурро аз ҳаминҳо оғоз намуда, калимаҳои ифодагари номи касбу ҳунарро ба ду гурӯҳ ҷудо намуда баррасӣ кардааст. Дар гурӯҳи аввал номи касбу ҳунар (***богбон, ҷомабоф, атрсоз, аттор, тақвимсоз, чангсоз, заргар, кӯзагар, бофтан, саррof, чармгар, гилкор ва г.)*** ва дар гурӯҳи дуюм номи олоти меҳнати ин соҳа, ба мисли ***табар, сандон, теша, сафол*** ва мақсаду маврид, тарзу усули корбасти онҳо аз ҷониби шоирон ба таҳқиқ гирифта шудааст.

Дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқи номвожаҳо диққати махсус дода мешавад ва дар ин соҳа бештар 20 рисолаи номзадиву докторӣ таълиф гардида, қазияҳои соҳа ба таври диахрониву синхронӣ ва умумиву ҷузъӣ

баррасӣ гардидааст. Вале корбасти онҳо маҳз дар ашъори шоирони мазкур бори аввал ба тáври муқоиса мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, муаллифи рисола истифодаи номи шаҳру деҳот, маҳаллу манзил ва бошишгоҳҳоро дар 19 мисоли назми бадеӣ алоҳида ва муфассал бо такя ба 7 фарҳангномаи муътабар, ба мисли “Луғати Деҳхудо”, “Фарҳанги Амид”, “Фарҳанги шаҳру устонҳои Эрон”, “Фарҳанги забони тоҷикӣ”, “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ва ғ. баррасӣ кардааст.

Дар зерфаслҳои фасли 2.4. вижагиҳои гидронимияҳои ашъори шоирон Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ (Нил, Оби Хуҷанд, Сир, Рукнобод, Кавсар) тасниф шудаанд.

Дар сарлавҳаи ҳамаи фаслу зерфаслҳо баробари истилоҳоти тоҷикӣ муодили байналмилалии онҳо низ ҷой ёфтаанд. Дар зерфасли 2.4. 3. Таҳти унвони “Номи ҳавзҳо (лимнонимия)” танҳо мафҳуми Кавсар ба таҳлил даромадааст. Дар ин боб диссертант вожаву истилоҳоти наздик 30 соҳаву мавзуъро аз назар гузаронидааст, ки хеле фарогир ва заҳматталаб аст.

Фасли дигар номи ҷонваронро фаро гирифтааст. Мисолҳои ҷамъовардаи муаллифи рисола собит менамоянд, ки шоирон вижагиҳои ҷонварон, бахусус, парандагон (*мург, ҳумо, булбул, зог, заган, товус, боз, тӯтӣ, боша/воша, гунҷишк, анқо, саъва, андалеб, гуроб, уқоб ва г.*)-ро низ огоҳонаву мақсаднок ба кор гирифта, ҷолибиву ҷаззобии тахайюлоти бадеиашонро таъмин сохтаанд, зеро агар *густурда шудани сояи* мурғи афсонавии **Ҳумо** гӯё ба сари касе боиси хушбахтиву саодати он кас мегашта бошад, **анқо** рамзи нобудиву ғайриимконӣ, дастнорасии чизе будааст, ки ба ин маънӣ аз Ҳофизи Шерозӣ ва Салмони Соваҷӣ чунин байтҳоро овардааст:

***Анқо** шикори кас нашавад, дом боз чин,*
*К-он ҷо ҳамеша бод ба даст аст ҷомро.* (Ҳофизи Шерозӣ)

*Зоти ӯ чун зоти **анқо** кас надид, аммо расид,*
*Сити ӯ чун сити анқо Қоф то Қофи ҷаҳон.* (Салмони Соваҷӣ)

Дар анҷоми зерфасли 2.8.3.2. **Гиёҳҳои истеъмолнашанда** чунин омадааст:” Маълум аст, ки май, яъне шароб, аз ангур ва шакар аз растании найшакар омода мешавад ва ангуру найшакар навъе аз истилоҳи фарматсевтианд, аммо ба андешаи мо, азбаски калимаҳои мазкур (май ва шакар - К.М) навъе аз растанӣ нестанд ва танҳо фитонимҳои ангуру найшакар василае барои омодасозии онҳоанд, бинобар ин, чунин вожагонро дар фасли истилоҳоти фарматсевтии диссертатсия ҷой надодем”[дисс., с. 156]. Дар рисола чунин фасл ба назар нарасид.

Дар фаслҳои 6-7 вожаю ибораҳои ифодагари мафҳумҳои хешутаборӣ ва тиббӣ, дар фаслҳои баъдина гиёҳвожаҳо, мафҳумҳои диниву ирфонӣ ва мусиқӣ аз диди таҳқиқи диссертант гузаштаанд.

Боби сеюм **«Баррасии сохти исмҳои забони тоҷикӣ дар назми асри XIV»** унвон гирифтааст, ки дар он калимаи баррасӣ зиёдатӣ менамояд. Ин боб ҷанбаи сарфӣ ё худ морфологӣ гирифта, дар се фасли он сохтори ин ҳиссаи номбурдаи нутқ муаррифӣ шудааст.

Дар матолиби муқаддамотии рисола муаллиф таъкид кардааст, ки “Мисли ҳар як забони дар муддати ҳазорсолаҳо ташаккулёфта пайкараи забони миллии мо - забони форсии дарии тоҷикиро вожаҳои дар тули замон шаклу маънигирифта созмон медиҳанд, ки маҳз онҳо тамоми иттилооти фарохи хотираи миллии моро дар худ нигоҳ медоранд ва дар сурати зарурӣ аз тарафи шахсони соҳибсухану соҳибҳунар ба ҳамзабонон ва халқҳои дигари ҷаҳон муаррифӣ ва пешниҳод мешаванд” [дисс., с.209]. Ин ҷо ӯ аз кору осори бештар аз 90 уламои ватаниву хориҷӣ ёдовар гаштааст, ки ин худ, аллакай, аз огоҳии соҳиби рисола дарак медиҳад.

Аз ин ҷост, ки бо мақсади равшан гардонидани сохтори вожаҳо, ҷилову тобишҳои мухталифи маънову мазмуни воҳидҳои гуногуни луғавӣ, сайри шакливу маъниҳои онҳо, ҷанбаҳои услубиву бадеии вожаҳо дар тасвири суханварони алоҳида ва саҳму мақоми онҳо дар рушду ғаномандии забони тоҷикӣ соҳиби рисола корбурди танҳо яке аз асоситарин ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ – исмро дар ашъори шоирони соҳибэътибори адабиёти тоҷик ба пажуҳиш гирифтааст, зеро исм

баробари дорои аломату нишона ва вижагиҳои зиёди сарфӣ доштанаш, хусусият ва имкониятҳои фаровони услубиву нигоришиüро соҳиб аст, ки ҳар як эҷодкору суханвар аз он метавонад фаровон истифода барад.

Муҳаққиқ исмҳои содаро на танҳо аз рӯйи сохтор, балки ҳар кадоми онҳоро аз лиҳози баромад низ тасниф карда, ба аслии тоҷикӣ арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, туркӣ низ ҷудо намуда, басомадашонро дар ашъори шоирон дар чаҳор ҷадвали оморӣ нишон додааст.

Исмҳои сохтаро бо номи **калимасозии исмҳо тавассути пешванд** ва **пасванд** тасниф кардааст, ки ба назарамон пешвандиву пасвандӣ гуфтан беҳтар менамояд. Вожаи **ҳамбуна**ро ба қатори калимаҳои сохта ворид кардан (дисс., с. 246) баҳснок менамояд, зеро худи вожаи буна аз решаи **бун** ва иловаи пасванди калимасози –а сохта шудааст ва пешвандиву пасвандист.

Муаллиф бо мисолҳои зиёд ва далелҳои оморӣ нишон додааст, ки дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ пасвандҳои “-ӣ”, “-а”, “-иш”, “-гоҳ/-гаҳ”, “-истон”, “-гар”,”-гор”, “-манд”, “-зор”, “-ор”, “-сор”, “-бон”, “-она”, “ол”, “-када”, “-дон” истифода шудаанд. Вале пасвандҳои “-када”, “-дон”-ро бемаҳсул ҳисобидан дуруст нест, зеро дар замони навин **донишкада, илмкада, таълимкада, аловдон, хокистардон** барин калимаҳо сохта шудаанд.

Қобили қайд аст, ки унвонҷӯ ба исмҳои мураккаб таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро дар қолабҳои маъмулии пайвасту тобеъ баррасӣ кардааст.

Ӯ исмҳои мураккаби пайвастро дар 10 саҳифаи рисола тибқи заминаи назарияи қабулшудаи забоншиносии тоҷик баррасӣ намуда, ба чунин хулоса расидааст, ки “исмҳои мураккаби пайваст новобаста аз қолибу роҳҳои сохташавӣ ҳам дар ашъори шоирони садаи XIV ва ҳам забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба гурӯҳи калимаҳои камистеъмол ва каммаҳсул дохил шуда, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мисолҳои қолиби чоруми сохташавии исмҳои мураккаби пайваст, ки дар сарчашмаҳо зикр шудаанд, бо қолиби дуюм омехтаанд” [дисс., с. 295].

Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ исмҳои мураккаби тобеъ хеле зиёду серистеъмол буда, бо тобишу таровати тоза ба тоза истифода мешаванд ва шоирони мавриди таҳқиқ чун беҳтарин донандагони забони худ аз ин имконият фаровон баҳрабардорӣ кардаанд.

Унвонҷӯ Калонова М. андешаву пешниҳодҳои олимони соҳаро таҳлилу муқоиса намуда, калимасозии исмҳои мураккаби тобеъро дар ашъори шоирони асри XIV ба се гурӯҳ ва чаҳор қолаб ҷудо кардааст.

Табиист, ки дараҷаи корбасти қолабҳои калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ дар ашъори ин шоирон якранг буда наметавонад ва ҳамин гуногунрангиро муаллиф бо мисолҳои фаровон собит намудааст. Муҳаққиқ бар он аст, ки қолаби якум (исм+исм, *саранҷом*) нисбат ба дигар қолабҳо каммаҳсултар, қолиби дуюм (исм+сифат, *саргарм*) бемаҳсул ва қолиби сеюм (исм+сифати феълӣ) истифода нашудааст. Таъкид рафтааст, ки қолабҳои гурӯҳи II дар ашъори шоирони мавриди таҳқиқ дараҷаи истеъмол ва вижагиҳои хоси фарқкунанда доранд. Дар қолиби якум (исм+исм, *ниҳонхона*) исми **хона** сермаҳсул буда, чун ҷузъи тобеъкунандаи фаъол ҳамчун исмҳои шахс, моддӣ, маънӣ сохта, чун вожаи мустақил ва дар таркиби иборaҳо ба кор рафтааст. Қолаби дуюм (исм+сифат, *сияҳкоса (киноя аз дунё*) хеле каммаҳсул буда, дар матни шеъри шоирон исмшавии сифат ба мушоҳида мерасад.

Қолиби сеюм (шумора+исм, *якранг, яксӯ*)-и гурӯҳи II низ каммаҳсул буда, бештар аз шумораи *як* ва исми ранг таркиб ёфтаанд ва қолиби чорум (сифати феъливу исм) дар ашъори онҳо ба мушоҳида нарасидааст.

Исмҳои мураккаби омехта ба пажуҳиш гирифта нашудааст.

Хулосаи рисолаи доктории мавриди тақриз аз 27 банд иборат буда, дар он умумияту вижагиҳои луғавию маъноӣ ва сохтории вожаю таркибҳои забони тоҷикӣ дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ собит гардидааст.

Ҳар банд як хусусияти вожагони забони тоҷикиро равшан менамояд. Асосан, хулосаи фаслҳо оварда шудаанд. Дар Хулоса як ҷумлаи

ҷамъбастие зарур аст, ки мақсад, мазмун ва муҳтавои таҳқиқро натиҷагирӣ кунад.

Тавсияҳои унвонҷӯ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар нуҳ банд иброз гардида, мушаххас ва воқеианд.

Рӯйхати адабиёт фарогири 514 адабиёти монографӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълим, диссертатсияву авторефератҳо, мақолаҳо, сарчашмаҳо, фарҳангномаҳо, захираҳои электронӣ ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва русӣ буда, қариб ҳамаашон дар рафти пажуҳиш истифода шудаанд.

Интишороти илмии довталаб  аз 1 монография, 31 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида иборатанд ва нуктаҳои асосию натиҷаҳои таҳқиқотро дарбар мегиранд.

Автореферати  диссертатсияи доктории мавриди тақриз мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **мутобиқат мекунанд** ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.

Дар диссертатсия ду замима ҷой дода шудааст, ки оид ба калимасозии вандӣ маълумоти иловагӣ медиҳанд, онҳоро ба ҳаҷми умумии рисола ворид накардан беҳтар аст.

Маводди диссертатсия метавонад барои таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва докторӣ, инчунин, таълифи фарҳангҳои тафсириву морфологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанҳои вожашиносӣ дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода шавад.

Умуман, диссертатсияи мазкури унвонҷӯ – Калонова М.Ҷ. аҳаммияти илмиву назариявӣ ва амалиро дорост, вале баробари ҳасаноти зиёд  дар он баъзе норасоиҳо низ ба назар намуд, киислоҳи минбаъдаи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Мундариҷа тибқи талабот таҳия шудааст, вале танҳо оғози саҳифаи бобҳо ва фаслу зерфаслҳо нишон дода шудаанд.

2. Дар таснифи истилоҳот баъзе носаҳеҳиҳо ба назар мерасанд, масалан, калимаи **исмҳои сохта тавассути пешванд (**исмҳои сохтаи пешвандӣ), **сохт**-сохтор ва ғ.
3. Дар диссертатсия навоварӣ бисёр аст, вале дар банди навоварии илмӣ хуб нишон дода нашудааст.
4. Хронологияи таҳқиқот гоҳо риоя нашудааст (дисс., с. 7.)
5. Баъзе калимаҳое, ки муҳаққиқ исмҳои мураккаби тобеъ меҳисобад, шубъоваранд (худодод, худодода-худо+дод+а; соҳиб+ҳиммат+он ва ғ.).
6. Забон ва услуби таҳлилу баён бад нест, вале ҷумлаҳои таҳрирталаб низ ба назар мерасанд (дисс., саҳ. 8, 17, 39, 65,91, 215, 322 ва ғ.).
7. Тарзи ягонаи истифодаи иқтибосот риоя нашудааст (дисс., с.18, 101, 136, 143, 146 ва ғ. ).
8. Ғалатҳои техникиву имлоӣ ва китобатӣ (дисс., с. 6, 7, 15, 30,32,84, 128, 142 ва ғ.) ба назар мерасанд.
9. Дар матни тоҷикӣ ва русии автореферат гоҳо иштибоҳоти услубӣ роҳ ёфтаанд, инчунин, тарҷумаи баъзе мисолҳо ислоҳталабанд.
10. Рӯйхати адабиёт, асосан, дуруст таҳия шудааст, вале талаботи техникии нишон додани осору сарчашмаҳо гоҳо риоя нашудааст (Ад. № 4; 6; 200; 340; 348; 508-509 ва ғ.).

Бояд қайд кард, ки эроду дархостҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Унвонҷӯй вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро карда, ба ҳадафи пажуҳиш расидааст.

Бинобар он, метавон гуфт, ки диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи **«Пажуҳиши луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Сtowаҷӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти баанҷомрасида буда, ба талаботи Низомномаи намунавии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Шурои диссертатсионӣ ва

бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, комилан ҷавобгӯст.

Ҳамчунин, муаллифи диссертатсия – Калонова Маҳина Ҷумабоевна, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Профессори кафедраи забони**
**тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои филологӣ Шокириён Туғрал Сироҷзода**

**Нишонӣ: 735700, шаҳри Хуҷанд**
**Телефон: (+992) 92 634 51 00**
**E-mail: shokirov1953@mail.ru**

**Имзои Шокириён Туғрал Сироҷзодаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.**
**19 апрели соли 2024**